# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№13 (390) / 23 августи соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

www.mehnat.tj   Rrohnamo@mail.ru   +992 93-483-36-36   Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪАИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН



16-уми августи соли равон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ошноӣ бо вазъи зиндагии мардум, чараёни иҷрои барномаҳои давлатӣ, корҳои ободониву созандагӣ, ифтитоҳи якчанд иншооти нав ва суҳбату мулоқот бо сокинон ба ноҳияи Роштқалъа ташриф оварданд.

Дар ноҳияи Роштқалъа нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зеристгоҳи барқии Неругоҳи барқи обии “Себзор”-ро мавриди истифода қарор дода, бо чараёни корҳои сохтмонии он ошно гаштанд.

Дар ин рӯз, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Начини ноҳияи Роштқалъа хонаҳои навбунёдро, ки барои аҳолии аз офати табиӣ зарардида бунёд гардидаанд, ба истифода дода, бинои истиқоматии 5-ошёнаро барои хизматчиёни давлатӣ, бинои нави маъмурии Кумитаи идораи замин ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ва бинои нави маъмурии шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, дар маркази ноҳияи Роштқалъа бо роҳбарону фаъолони ноҳия мулоқот намуданд.


**Матолиби гузориш аз чараёни мавриди баҳра қарор додани бинои нави маъмурии шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар саҳ. 4-и шумора пешниҳоди хонанда мегардад.**


**Дастёбӣ ба истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини шуғли бомаром ҳамчунон вазифаҳои аввалиндараҷа боқӣ мемонанд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


НИШАСТИ МАТБУОТӢ 2

ХАБАРНИГОРОН ҶАВОБҲОИ ҚОНЕЪКУНАНДА ГИРИФТАНД



ШАРҲ ВА ТАВЗЕҲ 3

ДАР МАВРИДИ ТАДБИРҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТ



ГУРӮҲҲОИ КОРИИ ТОҶИКИСТОН 5

МУЛОҚОТ ВА ВОХӮРИҲО БО МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ



ОМӮЗИШИ ТАҶРИБА 6

РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН – ОМИЛИ ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ХАБАРНИГОРОН ҶАВОБҲОИ ҚОНЕЪКУНАНДА ГИРИФТАНД

**10-уми августи соли 2023 нишасти матбуотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд ва дар он муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмиддин Давлатзода ба саволҳои сершумори хабарнигорон оид ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти соҳа ҷавобҳои мушаххас дод.**

Дар нишаст иттилоъ дода шуд, ки давоми нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҷиҳати такмил ва рушди низоми қонунгузории соҳа ва фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ ва танзими фаъолияти соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 13 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, аз ин шумора 5 лоиҳа ба тасвиб расида, 2 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 лоиҳа дар мувофиқаи вазорату идораҳо ва 4 лоиҳа дар марҳилаи таҳия қарор доранд.

Инчунин, лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсис додани гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ барои солҳои 2024-2026” дар марҳилаи мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳо қарор дошта, вобаста ба таҳияи лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоқикистон аз 4 апрели соли 2017, №179 “Дар бораи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад” ва Созишномаи генералии байни Ҳукумати Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2026 гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, кор дар ин самт идома дорад.

Дар посух ба саволи хабарнигорон оид ба сатҳи зиндагии аҳолӣ гуфта шуд, ки дар доираи роҳандозии тадбирҳои судманди ҳукумати кишвар сатҳи камбизоатӣ сол ба сол коҳиш ёфта истодааст. Масъалаҳои тақвияти сатҳи зиндагии аҳолӣ пайваста зери назорати доимии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, вобаста ба он мунтазам чораҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд. Ба ҳолати 1 июни соли 2023 музди миёнаи меҳнат дар ҷумҳурӣ 1907,2 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 260 сомонӣ ё 15,7 фоиз зиёд гардида, шумораи умумии кормандони кироя дар ҳамин давра 1245,5 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 (1235 ҳазор нафар) 9,6 ҳазор нафар ё 0,8 фоиз зиёд гардидааст.



Хабарнигорон инчунин оид ба масъалаи муҳоҷирати аҳолӣ саволҳо доданд ва дар ҷавоб гуфта шуд, ки тибқи маълумоти расмии Сарраёсати Вазорати корҳои дохилии Россия оид ба муҳоҷират дар охири семоҳаи якуми соли 2023-юм 663 ҳазор нафар шаҳрванди Тоҷикистон дорои патенти амалкунанда мебошанд, аз ҷумла дар давоми соли равон 184,8 ҳазор нафар патент ба расмият даровrouted, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 10 фоиз ва 4 фоиз кам аст.

Инчунин, ба намояндагони ВАО маълумот дода шуд, Вазорат ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои коргарии баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва бо мақсади бо ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти кишвар ҳамоҳанг намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ пайваста чораҳои муассир меандешад. Соли таҳсили 2022-2023 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии системаи вазорат 17008 нафар хонанда, аз ҷумла 159 нафар (42 духтар) маъюб, 46 нафар (18 духтар) ятими кулл ва 838 нафар (372 духтар) нимятим таҳсил намуданд. Аз шумораи умумӣ 4346 нафарро духтарон ташкил дода, 15353 нафар дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 1655 нафар дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил карданд.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 20 курси такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо иштироки 350 нафар шунаванда, ки аз ин шумора занон 160 нафарро ташкил медиҳанд, гузаронида шуд. Аз теъдоди умумии шунавандагон 101 нафар ё 28,8 фоизашонро мутахассисони ҷавон ташкил дода, аз теъдоди умумии хатмкардагони курсҳо 257 нафар ё 73,4 фоиз корманди муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 18 нафар ё 5,1 фоизро омӯзгорони фанҳои тахассусии МДТ “Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе” ташкил медиҳанд.

Дар ҷавоб ба саволи хабарнигорон оид ба ҳамкориҳои Вазорат бо вазорату ташкилотҳои ҳамсони худ дар давлатҳои хориҷӣ гуфта шуд, ки Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Туркманистон бо мақсади тақвияти рушди соҳа дар самти муносибатҳои меҳнатӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон бо як қатор мақомоти дахлдори кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ дошта, дар маҷмуъ, бо 13 давлат 36 санади байналмилалӣ ба имзо расонидааст, ки аз ин 12 адад созишномаи байниҳукуматӣ ва 24 адад байниидоравӣ буда, феълан мавриди амал қарор доранд. Аз ҷумла, дар нимсолаи якуми соли 2023 зимни сафари расмии Президенти Туркманистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар самти иҷтимоию меҳнатӣ (10 майи соли 2023) ва дар ҷараёни сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнати Давлати Қатар (8 июни соли 2023) ба имзо расиданд.

Ғайр аз ин, бо мақсади гуногунсамтии (диверсификатсия) муҳоҷирати меҳнатӣ бо ташаббуси вазорат лоиҳаи созишномаҳои байниҳукуматӣ бо Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Корея, Канада, Лаҳистон, Латвия, Олмон, Сингапур ва Япония оид ба танзими қувваи корӣ таҳия ва унвонии ниҳодҳои дахлдори кишварҳои болозикр ирсол карда шудааст, ки якҷоя бо ниҳодҳои дипломатии кишвар мавриди пайгирӣ қарор доранд.

Дар маҷмуъ, хабарнигорон ба ҳамаи саволҳои худ аз ҷониби роҳбарияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

**Хабарнигори мо**





**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02**

# ДАР МАВРИДИ ТАДБИРҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аз 6 феврали соли 2023, №526**

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2023,№39 «Дар бораи тадбирҳои амалисозии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023, №526» корҳои муайянеро ба анҷом расонид. Шарҳу тавзеҳоти тадбирҳои амалисозии фармони мазкур пешниҳоди хонанда мегардад.**

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 феврали соли 2023, №526, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2023, №39 “Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия” чораандешӣ намуда, фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои амалисозии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023»-ро ба тавсиб расонид.

Дар ин замина, иҷрои банди 11 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардида, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор шарҳу тавзеҳоти дахлдор марбут ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023, №526 омода гардида, тавассути воситаҳои ахбори омма паҳн карда шуд.

Аз ҷумла, бо иштироки масъулини вазорат тавассути додани мусоҳиба дар барномаи “Телевизиони Тоҷикистон”, ҳангоми гузаронидани воҳӯрӣ бо муассисаҳои зертобеи вазорат шарҳу тавзеҳот манзур гардид.

Воҳӯрии алоҳида бо масъулини муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии тобеи вазорат дар робита ба баланд шудани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ба андозаи 20 фоиз доир гардид.

Дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, муассиса ва ташкилотҳои дигар оид ба ҳисобкунии музди меҳнат барои пардохти рухсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ дар вақти кор, аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигаре, ки барои пардохти музди миёнаи меҳнат алоқаманд ҳастанд (ба ғайр аз нафақа), мутобиқи тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба корҳои дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъмин намудани нафақа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2007, №313 тасдиқ шудааст, корҳои фаҳмонидан баргузор шуданд.

Дар ҷараёни чорабиниҳо ва корҳои фаҳмонидан бори дигар ёдрас гардид, ки аз 1 марти соли 2023 маоши вазифавӣ (меъёрҳои тарифӣ)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 20 фоиз зиёд ва маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 995 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 895 сомонӣ муқаррар карда шуд.

Андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, аз ҷумла мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатӣ ба андозаи 895 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатӣ ба андозаи 995 сомонӣ муқаррар гардид.

Аз 1 июли соли 2023 маоши вазифавии кормандони ташкилотҳои соҳаи маориф, илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 20 фоиз зиёд ва андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ 20 фоиз зиёд гардида, 440 сомонӣ муқаррар карда шуд.



Стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия (ба ғайр аз стипендияҳои президентӣ ва курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 20 фоиз зиёд ва нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд ва ба андозаи 250 сомонӣ муқаррар гардид.

Нафақаҳои суғуртавӣ, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” таъин карда шудаанд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир баробари 16 фоиз индексатсия карда шуд.

Вазорату идораҳое, ки таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқро амалӣ менамоянд, нафақаро аз 1 марти соли 2023, ба истиснои нафақаи шахсоне, ки таъминоти пулӣ (музди меҳнат)-ро бо асъори хориҷӣ мегирифтанд ва нафақаашон аз ин ҳисоб маблағҳо таъин гардидааст, бозҳисобӣ шуданд.

Вазорату идораҳои соҳавӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи итифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар ҳолати зарурӣ тартибу дастурамалҳои худро оид ба пардохти музди меҳнат бо назардошти зиёдшавӣ ба қарори мазкур мутобиқ гардонда, ҷиҳати шарҳу тавзеҳи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023, №526 тавассути воситаҳои ахбори омма тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ намуданд.

**С. БАҲОДУРОВ,
сардори шуъбаи ҳифзи меҳнат ва шарикии иҷтимоии ВММША ҶТ**

# МАҚСАД: ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ НОМАТЛУБ

**Ба наздикӣ Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо Прокуратураи генералӣ ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ барои солҳои 2019-2023” ва «Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024” зери унвони “Пешгирии амалҳои номатлуб” семинар-машварат баргузор кард.**



Дар чорабинӣ Прокурори раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратура, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 2, подполковники адлия - Гулаҳмадзода Ҳасрат Бегаҳмад ва Ваколатдори калони оперативӣ оид ба корҳои махсусан муҳими Маркази муқовимат ба савдои одамони Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия – Бухоризода Беҳруз Рустам, сардорони раёсату шуъбаҳо, мудирони бахшҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисони дастгоҳи маркази Агентӣ, сардорони Раёсат ва шуъбаҳои Агентӣ дар ноҳияҳои ш.Душанбе, директорон ва кормандони муассисаҳои таълими касбии система ва филиалҳои онҳо дар шаҳри Душанбе иштирок доштанд.

Ҳамоиши мазкурро директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки чорабинии мазкур оид ба татбиқи иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқӣ ва иттилоотонии кормандони дастгоҳи маркази Агентӣ ва зерсохторҳои он вобаста ба роҳҳои ошкоркунӣ ва пешгирии ҳолатҳои ба худкушӣ ва суиқасд даст задани шаҳрвандон, инчунин, пешгирии ҷиноятҳои вазнин ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон равона гардидааст.

Дар рафти чорабинии мазкур намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Гулаҳмадзода Ҳасрат Бегаҳмад вобаста ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ барои солҳои 2019-2023” ҷиҳати иҷрои “Барнома дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ барои солҳои 2019-2023” ва Бухоризода Беҳруз Рустам доир ба “Муқовимат ба савдои одамон” бобати татбиқи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024” ва муаррифии нуктаҳои асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ суханронӣ намуданд.

Дар иртибот ба масоили мавриди назар аз ҷониби кормандони дастгоҳи маркази агентӣ ва сохторҳои таркибии он ба муттахассисони соҳа саволҳо пешниҳод ва ба онҳо посухҳои қаноатмандона гирифта шуд.

**Шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи маркази Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ИФТИТОҲИ БИНОИ ШУЪБАИ АГЕНТИИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР НОҲИЯИ РОШТҚАЛЪА

Имрӯзҳо тамоми мардуми Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани ҷашни 32-солагии истиқлоли давлатӣ омодагӣ дида истодаанд.

Бо итминони комил гуфта метавон, ки ҳар як сокини бонангу номуси ин диёр дар ҷодаи ободониву бунёдкорӣ саҳми арзандаи худро гузошта, ба хотири пешрафти Ватани маҳбубамон, таҳкими иқтидори давлати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як сокини кишвар саъю талош менамояд.



*(Аввалаш дар саҳ. 1)*







Дар воқеъ, холо кишвари маҳбубамон ба саҳнаи бузурги созандагӣ табдил ёфта, мардуми бонангу номуси кишвар, соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатпеша ба хотири ободу зебо гардонидани зодгоҳи худ ва дар маҷмуъ, Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистон саъю талош карда истодаанд, ки ноҳияи Роштқалъа низ аз ин раванд истисно нест.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар як рӯз дар деҳаи Начини ноҳияи Роштқалъа хонаҳои навбунёдро, ки барои аҳолии аз офати табиӣ зарардида бунёд гардидаанд, ба истифода дода, биноии истиқоматии 5-ошёнаро барои хизматчиёни давлатӣ, бинои нави маъмурии Кумитаи идораи замин ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ва бинои нави маъмурии шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, дар маркази ноҳияи Роштқалъа бо роҳбарону фаъолон мулоқот намуданд.

Аз ҷумла, дар рӯзи 16 августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Роштқалъа бинои нави маъмурии шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои замонавӣ аз 3 ошёна иборат буда, ҳама ҳуҷраҳои корӣ бо мизу курсӣ ва дигар таҷҳизоти муосир ҷиҳозонида шудааст, ки барои фаъолияти пурсамари кормандони шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бахши Хадамоти муҳоҷират ва Филиали Муассисаи давлатии "Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон" дар ноҳияи Роштқалъа мусоидат мекунад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2016 шуруъ гардида, бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби беш аз 60 нафар сокинони маҳаллӣ ҷавобгӯ ба талаботи замон ба анҷом расид.



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз имконоти фароҳамшуда ва сифати корҳои сохтмонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, кормандони соҳаро ба хизмати содиқонаю софдилона ба нафъи давлату миллат ҳидоят карданд.

Бинои нави шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Роштқалъа аз 10 ҳуҷраи барҳавои корӣ ва 4 синфхонаи омӯзишӣ, ҳамчунин маҷлисгоҳ бо 20 ҷойи нишаст иборат буда, дорои беҳтарин шароити корию таълимӣ аст.

Минбаъд сокинони ноҳияи Роштқалъа дар синфхонаҳои дорои шароити хуби ҳунаромӯзӣ аз рӯйи ихтисосҳои қаннод, дӯзанда, технологияи компютерӣ, таъмиргари таҷҳизоти сантехникӣ ва асбобҳои барқӣ ба касбомӯзӣ фаро гирифта мешаванд.

Инчунин дар шафати бинои мазкур иншооти иловагии дигар сохта шудааст, ки он барои омӯзиши нозукиҳои касби таъмири воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудааст.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки акнун дар шуъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҳамасола то ҳазор нафар шахсони бешуғл ба касбомӯзӣ ҷалб мешаванд.

Бино ва саҳни он зебову назаррабо буда, дар атрофаш роҳравҳо сохта шудааст. Иншооти навбунёд метавонад солҳои дароз ба мардуми ин гӯшаи зебои Тоҷикистон хизмат намояд.

**Сарчашма: сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# МУЛОҚОТ БО МУОВИНИ ВАЗИРИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ФР



**Дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади шиносой аз вазъи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Федератсияи Россия ва баргузории корҳои фаҳмонидан дар байни онҳо аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуданд.**

**Дар ин асос, 5 гурӯҳи корӣ ба шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Екатеринбург, Уфа ва Новосибирск сафарбар гардида, бо муҳоҷирони тоҷик – шаҳрвандони Тоҷикистон, диаспораҳо ва донишҷӯён вохӯриву мулоқоти судманд анҷом доданд. Дар зер аз ҷараёни ҳаёти гурӯҳи корие, ки ба он вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа роҳбарӣ мекард, хабарҳо пешниҳод мегардад.**

8-уми августи соли 2023 мулоқоти вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа бо муовини вазири меҳнат ва шуғли аҳолии Федератсияи Россия Мухтиярова Елена Вячеславовна баргузор гардид.

Дар рафти вохӯрӣ ҳамчунин Намояндагии Вазорат, Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва аз ҷониби Федератсияи Россия намояндагони Хадамоти Федералии муҳоҷират ва шуғл ва Вазорати корҳои дохилӣ иштирок намуданд.

Яке аз масъалаҳои асосии мулоқот, ин иҷрои тавофуқҳое, ки дар чаҳорчуби мулоқоти ҳамраисони Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини Сарвазири Федератсияи Россия М.Ш. Хуснуллин ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода (дар масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ) матраҳ гардида буданд, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зимни вохӯрӣ ҳамчунин масъалаҳои рафти иҷрои Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатии мувaққатӣ дар қаламрави Федератсияи Россия; омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар, ташкил ва такмили таълими касбии муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва маркази таълими калонсолони Тоҷикистон ба талаботи бозори меҳнати Россия ҷавобгӯ ва эҳтимоли омӯзиши касбии онҳо аз ҷониби корфармоёни Федератсияи Россия низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни суҳбат ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими пайвастаи ҳамкорӣ дар самтҳои зикргардида ва рушди муносибатҳои дуҷониба изҳор намуданд.

# ДАР МАҶМААИ ТИҶОРАТИИ “ЮЖНЫЕ ВОРОТА”



Дар доираи сафари гурӯҳи корӣ санаи 9-уми августи соли 2023 вохӯрии ҳайат таҳти роҳбарии вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа бо соҳибкорон, муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тоҷикони муқими Федератсияи Россия баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ нахуст аз ҷониби Вазир доир ба вазъи кунунии соҳаи муҳоҷирати кишвари иқомат, тадбирҳои анҷомдодаи намояндагиҳо ва корҳои банақшагирифташуда барои фаъолияти минбаъда маълумоти муфассал дода шуд.

Қайд гардид, ки равандҳи муҳоҷирати меҳнатӣ зери таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҷиҳати ба танзим даровардани он, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ҷораҳои амалӣ андешида мешаванд.

Гуфта шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади роҳандозӣ намудани тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар ҷомеа, хоса наврасону ҷавонон, марҳила ба марҳила тадбирҳо андешида, заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин равандро бомаром фароҳам меорад.

# ДАР КОМБИНАТИ КОРКАРДИ ГУШТИ ШЁЛКОВО



Дар доираи сафари ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Москва, гурӯҳи корӣ таҳти роҳбарии Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа дар ҳамроҳӣ бо муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оила, Нурализода Фируза, муовини раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиш, Чоршанбезода Сурач, директори МД “Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа”, Раҷабов Ҷумъа Абдулҳаевич ва кормандони Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират ба ЧДММ “Комбинати коркарди гушти Шёлково” ташриф овarданд.

Дар корхона мулоқоти ҳайати расмӣ бо муҳоҷирони меҳнатии тоҷик анҷом ёфт. Хозирин ба саволҳои худ мустақиман аз вазири ММША ҶТ ва ҳамроҳонаш посух гирифтанд. Аъзоёни гурӯҳи корӣ ба шаҳрвандони ҶТ корти шумораҳои телефони худро доданд, то ин ки ҳангоми пайдо шудани суолҳои марбут ба муҳоҷират ва ғайра, шаҳрвандон мустақим ва бевосита дар тамос бошанд. Куллан вохӯрӣ дар фазои дӯстона ва мусбат сурат гирифт.

Боздиди ҳайат ба ифтитоҳи хобгоҳи нав рост омад ва ба истифода қарор додани онро роҳбари корхона Сергей Сократович ба вазири ММША ҶТ вогузор намуд. Хобгоҳи мазкур бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳаз буда, дорои 270 рахти хоб ва маҳз барои муҳоҷирони тоҷик бунёд шудааст.

Дар сухани ифтитоҳӣ роҳбари корхона Хачатурян Сергей Сократович аз ташрифи Ҳасанзода Гулнора Кенҷа ва ҳайати ҳамроҳ сипосгузорӣ намуда, аз рабобити дӯстонаву самимонаи байни миллатҳо таъкид кард.

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси равобити хуби ду кишварро сиёсати дурусти сарони давлатҳои Тоҷикистону Россия арзёбӣ намуд.

**Раёсати котиботи ВММШАҶТ**

# ДАР ШИРКАТИ ЛОГИСТИКИИ “ПЭК”



Дар доираи сафари гурӯҳи корӣ санаи 8 августи соли 2023 ташрифи ҳайат таҳти роҳбарии вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа ба ширкати логистикии ЧДММ “ПЭК” сурат гирифт.

Дар қисмати аввали ташриф ба ширкати логистикии “ПЭК”, мулоқот бо роҳбарияти ширкати мазкур баргузор гардида, масъалаи ҷалби муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар корхонаҳои ширкати мазкур, ки дар тамоми қаламрави Федератсияи Россия қарор доранд, зиёда аз 1500 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор ҷалб гардидаанд.

Бояд қайд, ки хароҷоти вобаста ба парвоз аз Тоҷикистон то Россия (то 50%), ҳуҷҷатгузории патент, андоз аз даромад, ҷойи хоб ва таъмини либоси махсуси кориро корфармо ба уҳдаи худ гирифтааст.

Баъд аз қисмати расмии вохӯрӣ, боздиди ҳайат аз ҷойи кори муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандонамон ва вазъи будубоши онҳо сурат гирифт.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти гурӯҳи корӣ дар қаламрави Федератсияи Россия идома дошта, силсилавохӯриҳо ба нақша гирифта шудааст.

МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН – ОМИЛИ ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

**Соҳаи сайёҳӣ ҳамчун василаи собитшудаи ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, соҳаи таъсисдиҳандаи ҷойҳои нави корӣ, манбаи даромади аҳолӣ ва ғанигардонии буҷети давлатӣ маҳсуб шуда, барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат, бо шуғли пурмаҳсул таъмин кардани аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодии сокинони кишвар мусоидат менамояд.**



Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон карда шуданд.

Дар баробари ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ имтиёзҳои зиёд муқаррар намуда, дар марҳилаи аввал барои таъсиси инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ заминаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Феълан аз ҷониби Ҳукумати мамлакат Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардида, босамар татбиқ шуда истодааст.

Дар партави сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат соҳаи сайёҳӣ рушд ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самти муҳими стратегӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шуд ва дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардид.

Бо назардошти саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар он ҳамчун самти афзалиятнок дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 дарҷ гардида, Пешвои миллат ҳамасола дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вусъат бахшидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба сохтору мақомоти марбута дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Дар ин ҷо аз ду нуктаи хеле муҳими суханронии Пешвои миллат зимни мулоқоташон бо роҳбарону фаъолони ВМКБ, ки рӯзи 10 октябри соли 2013 баргузор шуда буд, ёдовар шудан ба маврид аст.

Сарвари давлат зимни мулоқот таъкид доштанд, ки «бо назардошти табиати нотакрор, кӯҳу қуллаҳои осмонбӯс ва мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ тараққӣ додани сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти вилоят ба ҳисоб меравад. Бадахшон бо кӯҳҳои зебоманзар ва ҷойҳои таърихиву табиати нотакрор ҳамчун яке аз мавзеъҳои нодири сайёҳиву кӯҳнавардӣ, шикор ва ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш дар ҷаҳон эътироф гардидааст».

Ҳамзамон 26 июни соли 2016 зимни ифтитоҳи биноӣ “Маркази эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва рушди сайёҳӣ” дар вилоят, Пешвои миллат кормандони соҳаи сайёҳии вилоятро бо ба кор оғоз кардани нахустин кохи ҷаҳонгардон дар қаламрави Тоҷикистон табрик намуда, қайд карданд, ки барои фаъолияти пурсамари кормандон дар бахшҳои сайёҳӣ ва соҳибкорӣ шароити хуби корӣ муҳайё гардидааст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, феълан шумораи аҳолии вилоят 232,7 ҳазор нафар мебошад, ки аз ин теъдод 141,0 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат, 68,9 ҳазор нафар аҳолии аз синни қобили меҳнат хурд ва 21,9 ҳазор нафар аҳолии аз синни қобили меҳнат калонсол буда, синну соли миёнаи аҳолӣ дар вилоят ба 29,7 сол рост меояд.

Дар вилоят шумораи умумии аҳолии машғули кор 82,5 ҳазор нафар ва шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда зиёда аз 5,2 ҳазор нафар буда, сатҳи шуғлнокии аҳолӣ 58,5 фоизро нисбат ба аҳолии қобили меҳнат ташкил дода, сатҳи бекорӣ бошад, ба 5,6 фоизи қувваи корӣ дар вилоят баробар аст.

Ҳаҷми хароҷот барои нигоҳдории қувваи корӣ дар вилоят ба 604,6 млн. сомонӣ ва фонди музди меҳнат бошад, 464,3 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат дар соли 2022 дар вилоят ба 1557,4 сомонӣ расид, ки дар муқоиса ба соли 2021-ум 6,3 фоиз зиёд мебошад.

Давоми солҳои 2021-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023 дар сатҳи вилоят 28 ҳазору 963 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, дар ин замина дар солҳои 2021-2022 ва нимсолаи якуми соли ҷорӣ 12,3 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда шуд.

Тавре таҳлилҳо нишон дод, хусусан дар бахши хизматрасонӣ (барои мисол, дар ошхонаҳо, тарабхонаҳо, нақлиёт ва дигар), шуғли ғайрирасмӣ бештар ба назар мерасад, ки ин ба омори таъсиси расмии ҷойҳои нави корӣ таъсири манфӣ расонида, эҳтимол аст, ки 0,3 ҳазор нафари машғул дар меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳои вилоят, ин танҳо коргарони расмӣ буда, қисми бештари коргарони ғайрирасмӣ ба ҳисоб гирифта нашудаанд. Айни ҳол дар ВМКБ 49 ширкати сайёҳӣ фаъол мебошад.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 пешбинӣ гардидааст, ки ҳиссаи шуғлнокии аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ бояд то соли 2030-ум 10,0 фоизро аз шумораи умумии аҳолии машғули кор ташкил диҳад ва дар ин замина саҳми соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули Маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар то ба 8,0 фоиз расад.

Дар айни замон, мувофиқи маълумоти фаврӣ (пешакӣ) ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули ММД-и кишвар ба 2,8 фоиз расидааст ва ин нишондиҳанда сол аз сол афзоиш меёбад.

Дар робита ба ин ва бо назардошти аҳамияти муҳим доштани рушди соҳаи сайёҳӣ дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии бекор, вазорат дар доираи афзалиятҳои муайяншуда, ҷиҳати омодасозии кадрҳо барои соҳаи мазкур низ пайваста тадбирҳоро амалӣ намуда истодааст.

Дар давоми солҳои 2021-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023 дар Литсейи касбии техникии ноҳияи Шуғнон ва филиали Литсейи касбии махсуси маъюбон дар ноҳияи Рӯшон барои таъмини корхонаҳои истеҳсолӣ бо кадрҳои коргарӣ 793 нафар (305 нафар ё 38,4 фоиз духтар) аз рӯйи 8 касбу ихтисос омода шуда, 303 нафар бо ҷойи кори доимӣ дар ҳудуди вилоят ва берун аз он таъмин гардиданд.

Ҳамчунин дар давоми солҳои 2021, 2022 ва нимсолаи якуми соли 2023, тавассути муассисаҳои таълимии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, 7991 нафар (4272 нафар ё 53,5 фоиз духтар) аз рӯйи 49 касбу ҳунар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм намуданд.

Дар маҷмуъ, дар муассисаҳои таълимии тобеи вазорат дар вилоят давоми ин солҳо 8784 нафар шаҳрванд (4577 нафар ё 52,1 фоиз духтар) ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Бо назардошти вазъи кунунии шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳии вилоят, ҳамзамон бо назардошти таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва инфрасохторӣ, дар ояндаи наздик барои то 10% расонидани шуғлнокӣ дар соҳаи сайёҳӣ, як қатор чорабиниҳоро гузаронидан лозим мебошад.

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳро ба масъалаҳое, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ метавонанд такони ҷиддӣ диҳанд, ҷалб намуда, пешниҳодҳои зеринро ба мақсад мувофиқ мешуморам:

- бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофии шаҳру ноҳияҳои вилоят, кормандони ба шуғл фаро гирифташуда дар соҳаи сайёҳӣ бояд аз уҳдаи иҷрои намудҳои гуногуни хизматрасонӣ баромада тавонанд, аз ҷумла, роҳбаладӣ ва тарҷумонӣ, меҳмонпазирӣ, пешхизмати истеҳсол ва фурӯши армуғонҳои сайёҳӣ;
- зимни бунёди меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар марказҳои хизматрасонӣ вобаста ба шароити ҷуғрофии маҳал талаботи сайёҳони хориҷӣ ба инобат гирифта шуда, муҷаҳҳазгардонӣ, инъикоси расму оин ва этнографияи мардуми кӯҳистон хеле моҳирона ва эҷодкорона истифода карда шавад;
- таҳия намудани харитаи роҳ бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ, бо назардошти захираҳои мавҷудаи инсонӣ, ҷуғрофӣ, табиӣ, фарҳангӣ ва дигар имкониятҳои вилоят;
- омӯзонидан ва омода кардани кадрҳои рақобатпазир бо назардошти стандартҳои байналмиллалӣ, вобаста ба касбу ихтисосҳои соҳаи сайёҳӣ;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати кам кардани шуғли ғайрирасмӣ дар соҳаи сайёҳӣ (хизматрасонӣ);
- гузаронидани ярмаркаҳои соҳавии ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод дар соҳаи сайёҳӣ;
- таъмини рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ (аз ҷумла, роҳҳои автомобилгард, фурудгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, тарабонаҳо, мавзеъҳои варзишӣ, таърихӣ, истироҳатӣ, табобатӣ).

Итминони комил аст, ки бо ташкил намудани инфрасохтори зарурӣ, ҳаллу фасл намудани мушкилоти логистикӣ, омодасозии кадрҳои сатҳи баланди хизматрасонӣ ва бо назардошти шароит, иқлим, мавзеъҳои таърихӣ ва диверсификатсияи соҳаи сайёҳӣ дар вилоят, ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон дар рушди соҳаи сайёҳӣ амалӣ шуда, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина ба баланд шудани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ дар кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

**АЛИЗОДА Алишер Ҳикматулло,**
**муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

**Ба наздикӣ бахшида ба татбиқи "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025" дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб семинари омӯзишӣ таҳти унвони "Экстремизм ва терроризм - роҳ ба сӯйи нобудӣ" бо иштироки муовини раиси ноҳия Хоҷазода Фарзона Ҳамдам ва намояндаи шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Варзоб Собир Самадов доир гардид.**



Семинари омӯзиширо бо сухани муқаддимавӣ Хоҷазода Фарзона Ҳамдам ифтитоҳ намуда, атрофи пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, сабабҳои асосии гароиши насли наврас ва ҷавонон, чораҳои пешгирикунӣ бо баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии насли наврас ва оила, баргузории чорабиниҳои гуногуни маданиву равшаннамоӣ, пур кардани мафкураи оилаҳои ҷавон ва кӯдакону ҷавонон бо ақидаҳои ватандӯстонаву илму фарҳанг, аз даст надодани зиракии сиёсӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ, истифодаи самараноки шабакаҳои иҷтимоӣ ва зери назорати махсус қарор додани тарбияи фарзандон ва фарогирии наврасону кӯдакон дар таътили тобистона бо китобхонӣ ва ғайра суханронӣ намуд.

Собир Самадов доир ба амалисозии "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" суханронӣ намуда, қайд кард, ки ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва ҳифз намудани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ мебошад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб тасмим гирифтааст, ки якҷо бо аъзои комиссияи ноҳиявӣ барои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт кӯшиш ба харҷ диҳад.

**Орифҷон ОЛИМЗОДА,**
**ноҳияи Варзоб**

**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**
Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.
Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

## МАҶМААИ САЙЁҲИЮ ИСТИРОҲАТИИ “ЧОРЧАМАН” ДАР НОҲИЯИ ДАРВОЗ



## «МЕҲНАТ» ВА ВОЖАҲОИ БА ОН АЛОҚАМАНД

**МЕҲНАТ** а. محنت 1. азоб, ранҷ, машаққат, заҳмат, меҳнат кашидан азобу машаққат кашидан, дар азоб будан. 2. фаъолияти мақсаднок ва ба ҷамъият нафъовари инсон, ки ранҷу кӯшиши ақлонӣ ва ҷисмонӣ металабад; кор.

**МЕҲНАТГУРЕЗ** محنتگريز он ки кор кардан намехоҳад, коргурез; танбал, коҳил.

**МЕҲНАТГУРЕЗӢ** محنتگريزی меҳнатгурез будан, коргурезӣ; танбалӣ, коҳилӣ.

**МЕҲНАТДӮСТ** محنتدوست одами меҳнатӣ, он ки аз кор намегурезад, он ки меҳнат карда нон хӯрданро вазифаи асосии худ медонад.

**МЕҲНАТДӮСТӢ** محنتدوستی меҳнатдӯст будан, кордӯстӣ.

**МЕҲНАТӢ** محنتی 1. 1. мансуб ба меҳнат; кори асосёфта бар меҳнат: ғалабаи меҳнатӣ, тарбияи меҳнатӣ, фаъолияти меҳнатӣ, шуҳрати меҳнатӣ; рӯзи меҳнатӣ рӯзи корӣ. 2. меҳнаткаш, меҳнатдӯст: марди меҳнатӣ, одами меҳнатӣ; мардуми меҳнатӣ // ҳалқи меҳнатӣ меҳнаткашон. 3. маҳсули меҳнат; меҳнати ҳалол; даромади меҳнатӣ, нони меҳнатӣ; дафтарчаи меҳнатӣ (ҳуҷҷатест ба шакли дафтари хурд, ки дар он маълумот оид ба фаъолияти меҳнатии коргарону хизматчиён сабт мешавад); муассисаи ислоҳи меҳнатӣ (маҳбас ва коргоҳ ё корхонаҳои махсус, ки маҳбусон дар он муҳлати ҷазои худро бо кор адо мекунанд); рухсатии меҳнатӣ (муддати ҳарсолаи аз кор муваққатан озод кардан (барои истироҳат) бо ҳифзи ҷой ва музди миёнаи кор.

**МЕҲНАТКАШ** محنتکش он ки бо меҳнати худ (кори худ) рӯз мегузаронад, меҳнаткунанда; меҳнатдӯст, кордӯст.

**МЕҲНАТКӮФТА** محنتکوفته хаста аз меҳнати зиёд, коркӯфта.

**МЕҲНАТҚАРИН** محنتقرين меҳнатдӯст, меҳнатӣ.

**МЕҲНАТОБОД** محنتآباد 1. ҷои азобу машаққат. 2. ҷои бо кору кӯшиши меҳнаткашон ободгардида.

**МЕҲНАТРАСОН** محنترسان расонандаи бало, расонидани мусибат, озордиҳанда.

**МЕҲНАТРӮЗӢ** محنتروزی 1. он ки азобу машаққат кашидан дар тақдири ӯст. 2. меҳнатдӯст, меҳнатӣ.

**МЕҲНАТСАРО** محنتسرا 1. ғамхона, ғамкада. 2. маҷ. дунё.

**МЕҲНАТТАЛАБ** محنتطلب коре, ки сарф кардани меҳнати зиёдро талаб мекунад: кори меҳнатталаб.

**МЕҲНАТШИНОСӢ** محنتشناسی як соҳаи илми иқтисод, эргономика.

*Аз китоби «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ»*

## ҲАМЧУН ФАРЗАНД

Аз суҳбати сардор бо кормanд:

– Хуш омадед, ростӣ каме ғамгинам, ки ба кори дигар гузашта, аз идораи мо меравед, охир шумо мисли духтарам будед.

– Мисли духтаратон?

– Бале, духтарчаи ман танбалу коргурез аст, гоҳе эркагиву сарпечӣ ҳам мекунад, вале ман маҷбурам, ки на танҳо нисбаташ ғамхор бошам, балки то ҳастам, ӯро муфт хӯронаму пӯшонам.

*Таҳия Ф. ҚУРБОНАЛӢ*

## ДУХТУР ВА ҲАМШИРА

Ҳамширае дар таҳлука назди духтур омада мегӯяд:

– Аҳволи бемори 7-ум палата ҳар дақиқа бад шуда истодааст.

Духтур бо ғазаб эрод мегирад, ки ин тавр гуфтан лозим нест. Бояд чунин гуфт:

– Бемор аз 7-ум палата фикр мекунад, ки аҳволаш бад шуда истодааст.

Рӯзи дигар ҳамшира оромона ба табиб мегӯяд:

– Духтур, бемор аз 7-ум палата фикр мекунад, ки ӯ мурдааст...

*Таҳия Қ. ХОЛНАЗАРОВА*


# ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.



**Муассис: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,** вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,** сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,** сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,** директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Таррох
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушоваари вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тел: 2503243

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо- Rrohnamo@mail.ru**